**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба дисссертатсияи Собирова Мавзунахон Давронҷоновна дар мавзӯи “Мукаммалгардонии методикаи ташкили баҳисобгирӣ ва аудити сармоя худӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - баҳисобгирии муҳосибй ва аудит**

Собирова Мавзунахон Давронҷоновна хатмкунандаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон буда, онро соли 2014 аз руйи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит бо гирифтани тахассусӣ «иқтисодчӣ» хатм кардааст. Пас аз хатми донишгоҳ дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба ҳайси ассистенти кафедраи “Баҳисобгирии бухгалтерӣ” фаъолият намуда, соли 2020 ҳамчун унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон қабул шуда, соли 2024 кори илмии худро пурра анҷом додааст. Дар ин давра дар якҷанд конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар машваратҳои илмии донишгоҳ фаъолона ширкат варзидааст.

Дар ҷараёни таълим давра ба давра накшаи таълимӣ иҷро гардида, дар рафти иҷроиши корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз тарафи Собирова М.Д. 14 корҳои илмӣ чоп карда шудаанд, ки 7-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон руйи чоп омадаанд.

Муаллиф мавзӯъи рисолаи номзадиро мустақилона интихоб намуда, аз ҷиҳати илмӣ муҳиммияти онро асоснок намуд. Барои расидан ба мақсади таҳқиқот ва матраҳсозии вазифаҳои гузошташудаи бо он алоқаманд корҳои илмии появии муҳаққиқон-иктисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ, маводҳои амалӣ ва оморӣ васеъ истифода шудааст. Дар давраи кунунӣ дастнавис се бобро ташкил медиҳад, ки дар боби якум, асосҳои назариявии ташкили баҳисобгирии сармояи худӣ баррасӣ гардидааст. Дар боби дуюми диссертатсия такмилдиҳии методикаи ташкили баҳисобгирии муҳосибии

сармояи худӣ  дида шудааст. Дар боби сеюми диссертатсия рушди методикаи санҷиши аудитории сармояи худӣ  барасӣ гардидааст.

Ба муаллиф муяссар гардидааст, ки асосҳои назариявии ташкили баҳисобгирии сармояи худӣ ва такмилдиҳии методикаи ташкили баҳисобгирии муҳосибии сармояи худиро илман асоснок намояд, ки аз расидан ба мақсади гудошташуда ва ҳалли вазифахои таҳқиқот шаҳодат медиҳад. Таҳқиқоти анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имконият фароҳам овард, ки хулосаҳояшро асоснок кунад ва пешниҳодҳои худро вобаста ба такмили методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити сармояи худӣ мухтасар ифода намояд.

Кори диссертатсионии анҷомдодашуда таҳқиқоти мустақилона, баитмомрасида оид ба ҳалли масъалаҳои назариявии ташкили баҳисобгирии сармояи худӣ ва такмилдиҳии методикаи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити сармояи худӣ мебошад. Доштани малакаи таҳлили иқтисодӣ ба унвонҷӯ имкон дод, ки дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ корро анҷом диҳад.

Дар амал санҷида шудани натиҷаҳои таҳқиқот оид ба аҳаммияти амалӣ ва имконияти истифода намудани натиҷаҳо аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ шаҳодат медиҳад. Дар ҷараёни иҷроиши кор аз тарафи муаллиф маводи амалӣ, ҷамъбаст карда шудааст, ба монанди абстраксияи илмӣ, таҳлили мантиқӣ, синтез, индуксия ва дедуксия, мушаххаскунӣ, умумикунӣ, диалектикӣ, мантиқӣ ва ғ. истифода карда шудааст. Ҳамин тавр, чи хеле, ки дар боло қайд карда шуд Собирова М.Д., вазифаҳои гузошта ба мақсади таҳқиқотро бомуввафақият иҷро намудааст.

Кори диссертатсионӣ мантиқан банҷомрасида, кори илмии мустақилона иҷрошуда, дорои унсурҳои навоварии илмӣ, ҷамъбасти илман-асоснокардашуда ва тавсияҳои амалии ба мукамалгардонии  методикаи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ  ва аудити сармояи худӣ равона шудааст. Сохтор, муҳтаво ва сифати барасмиятдарории кори диссертатсионии

Собирова М.Д. ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 - «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.08. - баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва**
**сиёсатӣ Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Дадоматов Д.Н.**

*Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Д.Н.-ро тасдиқ мекунам:*

*Имзои Дадоматов Д.Н - ро тасдиқ мекунам:*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон **Мирпоччоев И.Ҳ.**

08 январи соли 2024